# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-117-и назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода оид ба диссертатсияи Бахтиёрзода Муслима Бахтиёр дар мавзуи “Категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ)**

Диссертатсияи **Бахтиёрзода Муслима Бахтиёр** дар мавзуи **“Категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ”**, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) пешниҳод шудааст, ба бандҳои ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат мекунад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи соҳаи илми филология анҷом дода шуда, самтҳои афзалиятноки рушди забоншиносии муосирро инъикос менамояд ва масъалаҳои муҳимми забоншиносии муқоисавӣ ва муқоисавӣ-таҳлилиро фаро мегирад.

Мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) пурра мутобиқ мебошад. Таҳқиқот дар мувофиқати комил бо талаботи шиносномаи ихтисоси мазкур анҷом дода шуда, самтҳои асосии илмии онро, аз ҷумла, таҳлили муқоисавӣ-типологии ду ва ё зиёда забон, муайян намудани қонуниятҳои умумӣ ва хусусиятҳои хоси фаъолияти онҳо дар сатҳҳои гуногуни низоми забон, инчунин, омӯзиши вижагиҳои луғавӣ ва маъноии забонҳои муқоисашавандаро инъикос менамояд.

Диссертатсияи мазкур ба таҳқиқ ва омузиши категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст. Маҳз омузиши ин мавзуъ имкон медиҳад, ки хусусиятҳои сохторӣ, маъноӣ ва вазифавии категорияи тарз дар ҳар ду забон муайян гардида, умумиятҳо ва фарқиятҳои онҳо дар доираи таҳлили

муқоисавӣ ошкор карда шаванд. Инчунин, таҳқиқи мавзуъ барои муайян намудани ҷойгоҳ ва нақши категорияи тарз дар низоми дастурии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, робитаи он бо шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъл, ҳамчунин, вижагиҳои ифодаи муносибатҳои модалӣ ва маъноии он аҳаммияти муассир дорад.

Ҷиҳати дигари муҳиммияти омӯзиши мавзуъ дар он зоҳир мегардад, ки таҳлили муқоисавии категорияи тарз дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ барои равшан сохтани хусусиятҳои типологӣ ва универсалии сохтори феъл, такмили назарияи грамматикаи муқоисавӣ, инчунин, рушди таҳқиқоти забоншиносӣ, тарҷумашиносӣ ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Диссертатсия ва автореферати пешниҳодшуда ҷиҳати дифоъ дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-117 дар назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода мувофиқат мекунад.

Аз муҳтавои диссертатсия бармеояд, ки таҳқиқ ба омузиши ҳамаҷониба ва таҳлили муқоисавии категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст. Дар доираи таҳқиқ моҳияти дастурӣ, хусусиятҳои сохторӣ, маъноӣ ва вазифавии категорияи тарз дар ҳар ду забон мавриди баррасии илмӣ қарор гирифта, умумиятҳо ва тафовутҳои он дар асоси усулҳои таҳлили муқоисавӣ ва типологӣ муайян карда шудаанд. Ҳамзамон, муносибати категорияи тарз бо дигар категорияҳои дастурии феъл ва нақши он дар ифодаи муносибатҳои модалӣ ва муоширатӣ-мухобиротии нутқ низ таҳлил гардидааст.

Диссертант зимни омузиши мавзуъ 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр намудааст, ки мазмуну муҳтавои таҳқиқро пурра инъикос мекунанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводди чопшуда

ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Диссертант дар раванди таҳқиқ бо мақсади муайян намудани моҳият, хусусиятҳои хос ва тарзи ифодаи категорияи тарз дар низоми забон як қатор вазифаҳои илмиро ба таври пайдарпай ва ҳамаҷониба мавриди баррасӣ қарор додааст. Аз ҷумла, асосҳои назариявии категорияи мазкурро таҳлил намуда, хусусиятҳои сохторӣ, маъноӣ ва функсионалии онро муайян кардааст. Ҳамзамон, роҳҳои ифодаёбӣ ва нақши категорияи тарз дар ташаккули маънои ҷумла ва фаъолияти коммуникативии забон бо такя ба маводи илмӣ ва забонӣ таҳқиқ гардидаанд.

Диссертатсия ва автореферати **Бахтиёрзода Муслима Бахтиёр** дар мавзуи **"Категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ"** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ пеш аз ҳама дар сатҳи амиқи таҳлил ва дарки моҳияти масъалаҳои илмии дар диссертатсия баррасишуда, дар таҳия ва асоснок намудани натиҷаҳои таҳқиқ, хулосаҳои назариявӣ ва муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда ифода меёбад. Инчунин, мавқеи мустақили илмии ӯ дар муносибат ба масъалаҳои таҳқиқшаванда, интихоби равишҳои таҳлилӣ ва пешниҳоди дидгоҳҳои хоси илмӣ нисбат ба мавзуи мавриди омӯзиш ба таври равшан таҷассум гардидааст.

Дар матни диссертатсияи **Бахтиёрзода Муслима Бахтиёр** истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз муқаддима, се боб, хулоса,

тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва рӯйхати адабиёт ташкил ёфта, дар асоси талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ (фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493)» таҳия гардидааст.

Дар қисмати муқаддимаи диссертатсия муаллиф муҳиммияти мавзуи таҳқикро асоснок карда, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект, асосҳои назариявӣ ва навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсияро таҳлил ва баррасӣ намудааст.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи илмӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

**Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсияро** маълумоти дақиқ, маводди кофии таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва гузаронидани таҳқиқоти илмии диссерататсионӣ ва амсоли инҳо собит менамоянд.

Вобаста ба ин, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи **Бахтиёрзода Муслима Бахтиёр** дар мавзуи **"Категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ"**-ро барои дарёфти дараҷаи илмии **доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ)** ба ҳимоя пешниҳод намояд.

Комиссияи экспертӣ оид ба диссертатсияи **Бахтиёрзода Муслима**

**Бахтиёр** дар мавзуи **“Категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ”** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ)** дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи **Бахтиёрзода Муслима Бахтиёр** дар мавзуи **“Категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ”** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-117-и назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул гардад;

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– **Турсунов Фаёзҷон Мелибоевич** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва тарҷумашиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода;

– **Раҳимзода Муҳаммадназар Сафар** – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

3. Ба сифати **муассисаи пешбар** Муассисаи давлатии таълимии **Донишгоҳи давлатии омузгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** пешниҳод мешавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи байналмилалии забонҳои

хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ Муҳиддинова Тахмина Ҳамроқуловна

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ Қосимов Олимҷон Ҳабибович

доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ Нағзибекова Меҳринисо Бозоровна

"8" 09 соли 2026

Имзоҳои Т.Ҳ. Муҳиддинова, О.Ҳ. Қосимов ва М.Б. Нағзибековаро
тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода Сиҷоатова Мунира Ғайратовна